«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_________________ Раҳмон Д. С.
«22» _____________ соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Оид ба кори диссертатсионии Асоев Илҳом Зикрёевич дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)

Асоев Илҳом Зикрёевич, 12.09.1980, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2012 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Соли 2016 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси кори бонкӣ ва соли 2017 ба шӯъбаи докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2020 аз рӯи ихтисоси 6D050600-иқтисодиёт хатм намудааст. Мавзуи рисолаи илмии хешро дар Шурои олимони донишгоҳ аз 28.05.2019 таҳти № 10 тасдиқ намудааст. Аз соли 2012 то инҷониб ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд.

**Роҳбари илмӣ:** Нурализода Амрулло Назрулло, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот**. Баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум яке аз масъалаҳои муҳимми хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоии минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Мақсади асосӣ дар ин самт баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул, ташаккул ва рушди бозори минтақавии меҳнат ва дар ҳамин замина, баланд бардоштани сатҳи ташаккулёбии даромадҳои умумӣ ва инфиродӣ мебошад.

**Дараҷаи татбиқ ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб тариқи мақолаву маърӯзаҳо муҳокима карда шуда, баҳои мусбат гирифтаанд.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** корҳои таҳқиқотии дар назди кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронидашуда ташкил медиҳад.

**Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқикоти илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб тариқи мақолаву маърӯзаҳо муҳокима карда шуда, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои методии диссертатсия дар ҷараёни таълими факултаҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани дарсҳои лексионию гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёт ва идоракунии минтақаҳо», «Микроиқтисод» ва «Макроиқтисод» мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Унсурҳои асосии навгонии илмии таҳқиқот инҳоянд:

- таҳқиқи вазъи муфиди иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ, сатҳи даромад ва музди меҳнати муайян, ҳифзи иҷтимоии аҳолии минтақа, сатҳу сифати зиндагии мардум, ки ба таъмини шуғли пурмаҳсули корӣ, рақобатпазирии бозори минтақавии меҳнат ва паст намудани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ равона карда шудааст;
- татбиқи методологии баҳодиҳии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар минтақа. Нишон додани критерияҳои сифатӣ ва микдории вазъи зиндагии аҳолӣ бо назардошти омилҳои таъсиррасони иҷтимоӣ-демографӣ ва табиӣ, самаранок истифодабарии иқтидори мавҷудаи захираҳои меҳнатии фаъоли иқтисодӣ дар минтақа;
- муайян кардани имкониятҳои истифодаи таҷрибаи хориҷӣ бобати усулҳои бехтарсозии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ба воситаи рушди хизматрасонӣ дар соҳаи иҷтимоиёти минтақа. Татбиқи методикаи ҳисобкунии ченаки баҳогузории вазъи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми минтақа бо моводи озуқаворӣ, беҳдошти саломатӣ ва ба роҳ мондани самаранокии танзими шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнатии минтақа;
- мушаххас намудани самтҳои асосии танзими давлатии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар асоси таъмини шуғли пурмаҳсул дар соҳаи иҷтимоиёт, рақобатнокии моли ватанӣ ва дастгирии давлатии вазъи зиндагии аҳолӣ дар минтақа;
- асоснокгардонии зарурияти дастгирии давлатӣ барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар шароити минтақа. Сафарбар намудани имконоти истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва захираҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии молиявии рушди соҳибкории минтақа;
- таҳияи модели регрессионии баҳодиҳии дараҷаи ташаккулёбии даромад соҳаи иҷтимоиёти вилояти Хатлон дар асоси интихоби омилҳои таъсиррасон. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар васеъ кардани донишҳо дар бахши баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум дар асосии

мукаммалгардонии рушди минтақаҳои кишвар, ки ҳамчун заминаи асосӣ барои таъмини зиндагии шоистаи аҳолии он зоҳир мегардад.

**Манбаи иттилоотӣ**. Дар таҳқиқоти мазкур маълумот аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2005-2015, 2016-2020, ҳисоботҳои солонаи мақомотҳои давлатии вилояти Хатлон, коркардҳои шахсии муаллиф ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода шудааст.

**Моҳияти амалии диссертатсия** дар имконпазир будани истифодаи онҳо зимни ташаккули сиёсати иҷтимоӣ ва муайянкунии чораҳои самаранокии дастгирии давлатии сатҳи некуаҳволии мардум ба воситаи баланд бардоштани соҳаи хизматрасонии иҷтимоиёт дар минтақаи Хатлон, инчунин, дар амал татбиқ кардани барномаҳои ҳукуматӣ дар вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни коркарди чораҳои баландбардории вазъи иҷтимоии аҳолии минтақаҳо муайян мегардад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 163 саҳифа буда, 21 ҷадвал, 7 формула, 9 расм ва 208 номгӯйи адабиётро дар бар мегирад.

**Рӯйхати корҳои нашршуда вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ:**

**Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

[1-М]. Асоев И.З. Нақши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар баландбардории сатҳи некӯаҳволӣ (дар мисоли минтақаи Кӯлоб) / И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ.-2020.- №7.- С. 204-209.

[2-М]. Асоев И.З. Ташаккулёбии идоракунии алоқаи байнихоҷагии кишвар дар таъмини шароитҳои некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон / И.З. Асоев, А.Н. Нурализода, У.М. Воҳидов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ.-2021.- №8.- С. 262-267.

[3-М]. Асоев И.З Тамоюлҳои рушди некуаҳволии мардуми минтақа дар заминаи муносибатҳои байналмилалӣ. / И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. – 2022. - №1(29). – С. 138 – 146.

**дар дигар нашрияҳо:**

[4-М]. Асоев И.З. Мукаммалгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва муносибатҳои аграрӣ дар таъмини бехатарии озуқаворӣи Чумҳурии Тоҷикистон / И.З. Асоев, И.Фасихов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (ш. Кӯлоб, 18 апрели соли 2015)-Кӯлоб, 2015.-С. 270-276.

[5-М]. Асоев И.З. Особенности формирования и функционирования рынка образовательных услуг в Р Т / И.З. Асоев, У.М. Абдураҳмонов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб 2015. Кӯлоб, 2015.- С. 303-309.

[6-М]. Асоев И.З. Роль государства в повышении уровня жизни населения села / И.З. Асоев, А.Н.Нурализода // Паёми Донишгоҳи

давлатии Кӯлоб №14. ш. Кӯлоб, 18 апрели соли 2015. Кӯлоб, 2015.- С. 103-113.

[7-М]. Асоев И.З. Рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ-омили асосии баландбардории некӯаҳволии мардум / И.З. Асоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ илмию назариявӣ дар мавзӯи "Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ" - (ш. Кӯлоб, 27-28.05.2016). -Кӯлоб, 2016. – С. 434 -437.

[8-М]. Асоев И.З. Нақши фишангҳои молиявӣ дар танзими иқтисодиёт / И.З. Асоев, У.М. Воҳидов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишкадавии "Проблемаҳои актуалии моделсозии макроиқтисодӣ ва дурнамо бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ" (ш. Душанбе, 26.02.2016).-Душанбе: ДМИТ, 2016. - С. 42-45.

[9-М]. Асоев И.З. Истифодаи методҳои самаранокии таълими фанҳои дақиқу табиатшиносӣ ҳамчун тафакури эҷодӣ ва фаъолиятӣ зеҳнии донишҷӯ дар низоми кредитӣ / И.З. Асоев, Ф.С. Раҷабов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии донишкадавии "Проблемаҳои актуалии моделсозии макроиқтисодӣ ва дурнамо бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ" (ш. Душанбе, 26.02.2016).-Душанбе: ДМИТ, 2016. - С. 93-96.

[10-М]. Асоев И.З. Ислоҳоти кишоварзӣ омили паст кардани сатҳи камбизоатӣ / И.З. Асоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (ш. Кӯлоб, 18 апрели соли 2017). Кӯлоб, 2017.- С. 270-273.

[11-М]. Асоев И.З. Ҷанбаҳои назариявии даромадҳои аҳолӣ ва сатҳи некӯаҳволӣ / И.З. Асоев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷамъбасти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ДДК ба номи А. Рӯдакӣ дар соли 2018 – 2019. Кӯлоб, 2019.- С. 93-96.

[12-М]. Асоев И.З. Алоқаи байнихоҷагии кишвар ва баланд бардоштани некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон / И.З. Асоев, У.М. Воҳидов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ" (26.11.2021).-ДДМИТ, 2021. С.212-215

[13-М]. Асоев И.З. Арзёбии тамоили рушди некуаҳволии мардуми минтақаи Хатлон / И.З. Асоев, А.Н. Нурализода // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он».- Душанбе, 2021. - ДДМИТ. – С. 80-84.

[14-М]. Асоев И.З. Алоқаи байнихоҷагӣ ва таъмини шароитҳои некуаҳволии мардум / И.З. Асоев // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Пандемия коронавирус (COVID 19)" - Кулоб: ДДК ба номи А. Рудаки, 2021. - С. 434-437.

Аз натиҷаи баррасии пешакии тадқиқоти диссертатсионии доктори фалсафа (PhD) Асоев И.З. дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Баромади Асоев И.З. дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), тақриз ва хулосаи роҳбари илмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода А.Н. ва арзёбии баромадкунандагон – номзадони илмҳои иқтисодӣ Содиқов Зафаршо ва Наврӯзи Носирӣ ба инобат гирифта шавад.
2. Диссертатсияи Асоев Илҳом Зикрёевич, ки дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) пешниҳод шудааст, кори баитмомрасидаи илмӣ ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ карда мешавад.
3. Диссертатсияи Асоев И.З. дар мавзуи «Рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ омили муҳими баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050611-Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт), бо назардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба экспертизаи даври дуюм ва Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Протоколи №7 аз «21».«05». соли 2022 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: «тарафдор» – 15 нафар; «зид» – нест; «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Каҷкулоев А.Ф.

Котиби ҷаласа, ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Мирзоев Т.З.

Имзоҳои Каҷкулоев А.Ф. ва Мирзоев Т.З.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.